**ҚАРОРИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 23 ноябри соли 2023 ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 ҳимояи такрории диссертатсияи Зокиров Сӯҳроб Ибодович дар мавзуи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон», аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (роҳбари илмӣ: Усмонзода Хайриддин Усмон - доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон), бо тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва баромади муқарризони расмӣ: Ҳомидзода Аслиддин - доктори илмҳои фалсафа, профессор, декани факултети таҳсилоти ғоибонаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров; Миров Фирӯз Сафаралиевич - номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, баромади мутахассисон доир ба мавзуи баррасишаванда ва муқарризони ғайрирасмӣ аз рӯйи ихтисос: Солиҷонов Р. – доктори илмҳои фалсафа, Муҳаммадалӣ Музаффар – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ, Ҷононов С. – доктори илмҳои фалсафа, профессор, Муминов А.И. – доктори илмҳои фалсафа; дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи Шуро оид ба диссертатсияи Зокиров Сӯҳроб Ибодович, инчунин дурустии навгониҳои илмӣ, аҳаммиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Зокиров Сӯҳроб Ибодович дар мавзуи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири

Тоҷикистон», аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ, ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои илмӣ, мувофиқи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, мебошад.

2. Маводи чопнамудаи муаллиф пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Зокиров Сӯҳроб Ибодович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ сарфароз гардонида шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Зокиров Сӯҳроб Ибодовичро бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ сарфароз гардонад.

Кӣ тарафдори қабули ҳамин қарори Шурои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Тарафдор 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Якдилона қабул карда шуд.

**Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Ахмедов С.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **Муминов А.И.**

23.11.2023 с.